# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ)**

Дар шароити рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими давлатдории миллӣ самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ аз ташкили раванди омӯзиш ва тақвияти иқтидори кадрии ҳайати шахсии соҳа вобаста аст. Бо назардошти ин, ташкили низоми тайёркунии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кадрҳои мақомоти корҳои дохилӣ, тақвияти дониши касбӣ, иқтидори зеҳнии кормандон ва дар ин замина таъмин намудани самаранокии фаъолияти касбии онҳо барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин, таҳқиқи масъалаҳои таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихнигории муосири Тоҷикистон, ки то ирӯз мавриди таҳқиқи ҳаматарафаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст, муҳим арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти ин, диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2024)», ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории муосири кишвар бахшида шудааст.

Дар шароити имрӯзаи давлатдории навинамон масъалаҳои таҳлилу баррасии сатҳи донишу дараҷаи касбияти кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад, зеро фаъолияти самарабахши низоми мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди бозомӯзӣ ва тайёр намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба ниёзҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи мустақим дошта, таваҷҷуҳи роҳбарияти вазорат ва муассисаҳои ваколатории таълимии

зинаҳои мухталифи он, аз ҷумла Академияи ВКД ба омӯзиши мунтазами кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, рушди касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси зинаҳои мухталифи онҳо нигаронида шудааст.

Бо мақсади амалӣ намудани раванди низоми таҳсили кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ яке муассисаҳои бонуфузи таълимии кишвар Академияи ВКД таъсис дода шудааст, ки дар заминаи он барои тамоми соҳаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони касбӣ омода карда мешаванд. Вобаста ба ин, таҳлили фаъолияти ин муассисаи олии таълимӣ, ҳамчунин Коллеҷи милитсия ва Коллеҷи техникӣ-оташнишонӣ, ки дар тайёр кардани кадрҳои милитсияи тоҷик саҳми назаррас доранд, мубрамияти мавзуъро боз ҳам тақвият мебахшад.

Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал масъалаи таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои мавҷудияти ИҶШС ва даврони Истиқлолияти давлатӣ дар шакли рисолаи диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2024)», аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (172 номгӯй) иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар ҳаҷми 183 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқ аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи мавриди таҳқиқ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши масъала, мақсад, вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқот, заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, доираи хронологии таҳқиқот, асосҳои назариявии рисола, арзиши амалии рисолаи диссертатсионӣ, ҳамзамон,

саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии диссертатсия сохтор ва ҳаҷми рисола муайян гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои асосии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон"** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби якум "Заминаҳо ва марҳилаҳои асосии ташаккулёбии муассисаҳои таълимии МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон" заминаҳо ва марҳилаҳои асосии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Диссертант менависад, ки раванди тайёр намудани кадрҳо барои ниҳодҳои Вазорати корҳои дохилӣ маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ дар шароитҳои хос ташаккул ёфтааст. Дар ин давра дар Тоҷикистон муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилӣ, аз ҷумла Мактаби Олии милитсия, ки баъдан ба Академия ВКД табдил дода шуд, Коллеҷи милитсияи Вазорати корҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллеҷи техникӣ - оташнишонии Вазорати корҳои дохилӣ ва маркази таълимии ВКД таъсис дода шуданд, ки дар омода кардани кадрҳои соҳаи мақомоти корҳои дохилӣ саҳми назаррас доранд. Дар ин зербоб дар маҷмуъ ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия "Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-илмӣ ва таҳқиқотии муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта, дар он хусусиятҳои асосии фаъолияти таълимӣ-илмии муассиссаҳои таҳсилоти кормандони мақомоти милитсия таҳлил гардидааст.

Диссертант зикр менамояд, ки дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ барои низоми мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ як қатор пешравиҳо ва имкониятҳои нав дар омодасозии кадрҳо ба миён омад. Дар амалӣ намудани вазифаҳои гузошташуда, ба роҳ мондани ҳамкорӣ миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Вазорати корҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад.

Мақсади асосии муассисаи таҳсилоти олии касбии ВКД тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои ниҳодҳои гуногуни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ ба шумор меравад. муассисаи таҳсилоти олии касбии заминаи ташаккули касбияти мутахассисони оянда махсуб ёфта, аз рӯйи равия ва тахассус аз якдигар фарқ мекунанд.

Боби дуюми диссертатсия "**Марҳилаҳои таърихӣ ва раванди омода намудани мутахассисон ва такмили ихтисоси кормандони МКД**" унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби дуюм "Омилҳо ва раванди ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявии кормандони МКД" алалхусус, масъалаи сабабҳо ва раванди ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявиии кормандони МКД баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия баён гардидааст, ки марҳилаҳои таърихӣ ва раванди омода намудани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси фармону дастурамалҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ гардида, омили муҳимми ташкили раванди таълим ба шумор меравад.

Ҷиҳати омӯзиши омилҳои ташаккулдиҳандаи раванди таълим дар МКД ва тарзи рафтору кирдор ва фарҳанги кормандони ин ниҳоди калидии кишвар дар шароити демократикунонии ҷомеа бояд аз рӯи мавқеи диалектикии раванди шахсият ба курсантон ва шунавандагони муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзонида мешуд.

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои дар амал татбиқ намудани талаботи равонӣ ва омӯзгории ҳайати профессорон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо дар курсҳои омӯзишии фанни педагогика ва психология, ки дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амалӣ мегардид, зарур арзёбӣ гардида, гузаронидани чунин омӯзишҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия “Ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва такмили нерӯи зеҳнӣ” масъалаҳои марбут ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва такмили зеҳнӣ дар доираи муассисаҳои таълимии МКД мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Ба назари диссертант рушди маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошад. Бо назардошти ин, фаъолияти корҳои илмӣ-тадқиқотии кормандони Академияи ВКД дар солҳои мавҷудияти он рушд намудааст. Дар ин зербоб диссертант давраҳои роҳбариии шахсони соҳибтаҷрибаи муассисаи ваколатдори низоми таҳсили кормандони мақомоти корҳои дохилиро аз давраи таъсис то имрӯз баррасӣ ва баҳогузорӣ намудааст, саҳми ҳар кадоми сардорони ин муассисаи таълимиро дар рушд ва тақвияти иқтидори зеҳнӣ ва моддӣ-техникӣ ва дар маҷмуъ инфрасохтору ҳайати кадрии он инъикос кардааст.

Маллифи рисолаи илмӣ қайд намудааст, ки айни ҳол дар Академия 9 доктори илм, 45 номзади илм, 9 дотсент барои пешбурди раванди илм ва таълим саҳми босазо мегузоранд. Ҳама 24 кафедраи Академия бо кадрҳои илмӣ-педагогӣ пурра таъмин гаштаанд. Дар Академия дар ҳамроҳӣ бо Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуҳои гуногуни илмӣ олимону омӯзгорон тадқиқотҳои бунёдии илмӣ мегузаронанд. Дар шуъбаи адъюнктура адъюнктон, унвонҷӯён таҳсил намуда, тадқиқоти диссертатсионӣ анҷом медиҳанд ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва такмили нерӯи зеҳнӣ асосан дар давраи Истиқлолият рушд намуд. Маҳз дар ҳамин давра дар муассисаҳои олии таълимии МКД шуъбаи адъюнктура таъсис ёфт.

Боби сеюми диссертатсия “Рушди фарҳанги касбии кормандон ва ҳамкориҳои байналмилалии мақомоти корҳои дохилӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ” ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби сеюм “Ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар солҳои Истиқлолияти

давлатӣ" масъалаи ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони милитсия дар солҳои Истиқлоли давлатӣ таҳлил гардидааст.

Дар ҷомеаи муосир фарҳанги касбӣ ва педагогӣ ҳамчун қисми таркибии ҳаёти маънавӣ нақши бузург мебозад. Муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ маҳз тавассути фарҳаги сиёсӣ, унсури иҷтимоӣ, баҳодиҳӣ, майлони одамон, инчунин меъёр, малака ва тарзҳои рафтори сиёсии одамон баромад менамояд.

Ба андешаи диссертант барои баланд бардоштани маърифат ва фарҳанги сиёсии кормандон дар Вазорати корҳои дохилӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ як қатор тадбирҳои муҳимми фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, барои ташаккули фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандон аҳаммияти калон доранд.

Тадбирҳои дигари муҳимми фарҳангӣ барои баланд бардоштани фарҳанги касбӣ ва педагогии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ андешида шуданд, ки ба боло бурдани ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстии онҳо мусоидат менамояд. Нақши фарҳанги касбӣ ва педагогӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии сиёсии кормандон хеле бузург аст. Фарҳанги сиёсӣ дорои сохтор ва унсурҳои таркибӣ мебошад, ки ба шуури ҷамъиятии кормандон таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми кори илмӣ-таҳқиқотӣ диссертатсия "Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони МКД", яъне ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар самти омодакунии мутахассисон барои МКД сухан меравад.

Диссертант менависад, ки дар охири асри XX ва аввали асри XXI сатҳи ҷинояткорӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон афзоиш ёфта, қабули тадбирҳои таъхирнопазирро дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ талаб мекард. Вазъияти баамаломада зарурати воқеиро ба миён овард, ки кишварҳо дар муносибати байниҳамдигарӣ аз ихтилоф гузашта ҳамкориҳои байналмилалиро дар ин самт тақвият диҳанд.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти милитсияи тоҷик омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад. Ҳамкории байналмилалӣ дар самти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ қисми ҷудонашавандаи фаъолияти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд зикр намуд, ки дар ин муддат Академияи ВКД зиёда аз 40 шартнома ва созишномаҳоро дар самти ҳамкории байналмилалӣ ба имзо расонидааст. Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои илмӣ-таълимии системаи ВКД, МКД давлатҳои ИДМ, аз ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова ва Озарбойҷон ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамзамон, пас аз соли 2002 робита ва ҳамкориҳои судманди муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар бо муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Дар ин асос якчанд созишномаҳо ба имзо расонида шуданд, ки самти корҳои илмӣ-таҳқиқот, омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогиро вусъат бахшиданд.

Дар маҷмуъ мақомоти корҳои дохилӣ дар самти тайёр намудани мутахасисон ва табодули таҷриба бо 5 муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар, ҳамкорӣ ва созишномаҳоро татбиқ менамояд. Дар тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ байни муассисаҳои таълимии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИДМ Ассотсиатсияи муассисаҳои олии таълимии давлатҳои ИДМ моҳи майи соли 2007 дар шаҳри Қазон созмон дода шуд. Робитаҳои байналмилалӣ дар самти омодасозии кадрҳо дар доираи якчанд сохторҳо ва созмонҳои байналмилалӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ густариш ёфт.

Дар маҷмуъ дар диссертатсия таҳқиқи тамоми масъалаҳои марбут ба ташаккул ва рушди таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон дар замони Истиқлоли давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Вобата ба ин, аҳаммияти илмию амалии рисола дар он аст, ки саҳифаҳои норавшани

**масъалаҳои** ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти **корҳои дохилии** Ҷумҳурии Тоҷкистон таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст.

Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро метавон, дар навбати аввал, ҳамчун манбаи илмӣ ва таҳқиқ ҳангоми пажуҳиши масоиле, ки бо давраи таҳқиқшаванда алоқаманд мебошанд, истифода намуд. Ба ғайр аз ин, онҳоро ҳангоми тартиб додани барномаҳо ва такмили адабиёти таълимии таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро дар муассисаҳои олии касбии кишвар дар таълими фанҳои таърихи идоракунии давлатӣ ва таърихи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Хулосаҳои муаллиф дар қисмати таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2024), ки ҷузъи таърихи навини мардуми тоҷик мебошад, таҳқиқ ва ҷамъбаст карда шудаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти анҷомдодашуда дастовардҳои низоми таҳсили кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар замони Истиқлол ба таври дақиқ ва ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Аз шиносоӣ бо рисолаи номзадии диссертант бармеояд, ки муҳаққиқ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро оид ба таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2024) ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе камбудиву нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳангоми нашри монография ба манфиати такмили мавзуи мазкур мебошад:

1. Дар диссертатсия баъзан масъалаҳое, баррасӣ гардидаанд, ки ба мазмуну муҳтавои он робитаи мустақим надошт ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ рабита доранд.
2. Дар зербобҳои якум ва дуюми боби якум ва дигар қисмати матни диссертатсия бештар масъалаҳои ташаккул ва фаъолияти мақомоти

милитсия шарҳу эзоҳ дода шуда, масъалаи ташкили раванди таҳсили ин ниҳод камтар баррасӣ гардидааст.

3. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда рисолаҳои диссертатсиониии олимоне, ки ба масъалаҳои таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимӣ ва дар маҷмуъ ба ташаккул ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдоштаи осори олимон, аз ҷумла, Абдуллоев, Р.А., Яъқубов М.Х., Асламов Б.С., Ализода Б.П., Давлатова Е.В., Митюкова К.Д. ва китобҳои дигари илмӣ, аз ҷумла, История таджикского народа (Ҷилдҳои 5-6 – Душанбе, 2004., 2010) камтар таваҷҷуҳ шуда, баръакс осори олимоне, ки дар ин самт камтар таҳқиқот анҷом додаанд, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.
4. Дар рисолаи диссертатсионӣ дар нақшаи кор МКД ҳамчун ихтисора ва ҶШК-ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ, дар саҳифаи 22 калимаи “Раёсати” ба ҷойи “Сарраёсати” ва дар матн марҳилаи шуравӣ баъзан бо ҳарфи калон ва баъзан бо ҳарфи хурд навишта шудааст, ки саҳҳеҳ нестанд.
5. Дар рисолаи номзадӣ баъзе хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ дар матни диссертатсия саҳифаҳои 3, 22, 23, 25, 38, 134, 150, 163 176, 182 ва дигар саҳифаҳо, ҳамчунин дар номгӯйи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда, аз ҷумла дар номгӯйи мақолаҳои муаллиф бандҳои [3-М], [9-М], [11-М] ба хатоҳои имлоӣ ва грамматикӣ, роҳ дода шуда, дар маводҳои бойгонӣ мафҳумҳои хазина, парванда, варақҳои истифодашуда мушаххас нишон дода нашудааст.

Новобаста ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи номзадии Диссертатсияи Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷкистон (1991-2024)», кори анҷомёфта буда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисолаи номзадӣ (автореферат) ва интишороти муаллиф муҳтавои асосии рисоларо инъикос намуда, ба стандартҳое, ки нисбат ба авторефератҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад ва муаллифи диссертатсия Ташрифзода Фозил Қурбон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, и.в. профессор Б. П. Ализода

Имзои Б. Ализодаро **тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п. А.Н. Насурдинзода
«13» 02 с.2026

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: +992 918 18 97 26;
E-mail: b.p.alizoda63@mai.ru